# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

1. Диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст. Дар таҳқиқоти илмии мазкур масъалаҳои назариявӣ ва амалии татбиқи меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ-хусусӣ бо унсури хориҷӣ дар шароити низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили ҳамаҷониба ва амиқ қарор дода шудааст. Дар доираи мавзуъ мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои меъёрҳои коллизионӣ ҳамчун унсури калидии механизми танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ баррасӣ гардида, ҷойгоҳ ва нақши онҳо дар низоми ҳуқуқи байналмилалии хусусии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Муаллиф заминаҳои назариявӣ ва таърихии ташаккул ва рушди меъёрҳои коллизиониро таҳлил намуда, робитаи онҳоро бо принсипҳои умумии ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ асоснок ва механизмҳои татбиқи онҳоро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст. Дар рисола проблемаҳои амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои маданӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фарогири муносибатҳои ашёӣ, меросӣ, шартномавӣ ва уҳдадориҳои ғайришартномаӣ мебошанд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои оилавӣ ва меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ дар маркази таҳқиқоти рисолаи илмии мазкур қарор гирифтааст. Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ҷиҳати дифоъ дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисосҳои илмӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумхурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, ки аз рӯйи он 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ додани дараҷаи илмиро муқаррар кардааст мутобиқат мекунад. Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки рисолаи мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалӣ доир ба масъалаҳои асосии амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Зарурати анҷом додани чунин таҳқиқот, пеш аз ҳама, ба рушди босуръати муносибатҳои байналмилалии кишвар, ба тасвиб расонидани санадҳои гуногуни сатҳи байналмилалӣ, татбиқи муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқи миллӣ, мукаммалгардонии қонунгузории миллӣ дар заминаи санадҳои

ҳуқуқии байналмилалӣ ва амсоли ин равона мегардад. Қайд намудан зарур аст, ки муносибатҳои байналмилалӣ дар ду сатҳ – байналмилалии байниҳукуматӣ ва байналмилалии хусусӣ арзи вуҷуд менамоянд, ки маҳз охиринҳо объекти бевоситаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба шумор мераванд. Ҳарчанд муносибатҳои мазкур хусусияти байниҳукуматӣ надошта бошанд ҳам барои ифодаи онҳо истилоҳи «байналмилалӣ» ба кор бурда мешавад. Аммо, дар ин ҷо истилоҳи «байналмилалӣ» хусусияти шартӣ дорад, зеро ифодакунандаи он аст, ки муносибатҳои мазкур аз ҳадди юрисдиксияи як кишвар берун мебароянд. Бо чунин назардошт, истилоҳи «байналмилалӣ» ба соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ низ талқин мегардад. Ҳарчанд муносибатҳои мазкур аз доираи юрисдиксияи як кишвар берун бароянд ҳам ин маънои онро надорад, ки онҳо бидуни танзими ҳуқуқӣ мемонанд, балки зарурати танзими ҳуқуқии онҳо ногузир аст. Бо назардошти асоснокии илмӣ масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

3. Диссертант зимни омӯзиши мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 9 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

4. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз ихтисораҳо, мукаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истофодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, №493) таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

6. Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷаро дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ ба диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ, муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

Бобозода Ҷамрод Қурбон – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Додозода Абдуманон Махсуд – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори раёсати ташкили кори судҳои Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, академики
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Маҳмудзода М.А.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сангинзод Д.Ш.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедари ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Рустамзода Ф.Р.

Имзои Маҳмудзода М.А. ва Сангинзод Д.Ш.-ро
тасдиқ мекунам: Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

«20» 02 2026 с.

Имзои Рустамзода Ф.Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

«21» 02 2026 с.